Офтоб, сайёраҳо ва дигар ҷисмҳои осмонӣ системаи офтобиро ташкил мекунанд. Дар атрофи Офтоб 8 сайёраҳо бо ҳамроҳонаш, инчунин кометаҳо, астероидҳо, чангҳои кайҳонӣ ва яххо давр мезананд. Ҳар як сайёра бо роҳи худ, яъне бо арбитаи худ ҳаракат мекунад.




Ба тасвир нигаред. Тамоми сайёраҳои системаи офтобиро номбар кунед. Онҳоро ба кадом гурӯҳҳо тақсим кардан мумкин аст, фикр кунед.

Кадом сайёра равшаниву гармиро назар ба дигар сайёраҳо камтар мегирад. Барои чӣ?

Дар мавзӯи: «Сайёраҳо чӣ тавр ҳаракат мекунанд?» назоратҳо гузаронед.

**Орбита** – роҳи давр задани ҷисмҳои осмонӣ дар атрофи Офтоб. Ҳар як сайёра орбитаи худро дорад, барои ҳамин онҳо ба якдигар рафта намезананд.

Кадом сайёра зудтар пурра атрофи офтобро назар ба дигарон давр мезанад? Инро аз кадом манбаъҳо гирифтан мумкин аст?

Дар муддати дароз дар системаи офтобӣ 9-то сайёра мавҷуд гуфта меҳисобиданд. Дуртарин сайёра Плутон буд. Лекин олимон қарор доштанд, ки он барои сайёра шудан хеле хурд аст. Вайро ба синфи ҷисмҳои нав- «сайёраҳои майда» гузоштанд.




**Оё шумо медонед?**

Офтоб то ҳамон қадар калон, ки ҳатто агар ҳамаи сайёраҳои системаи Офтобиро ҷамъ кунем, вазни умумии онҳо аз вазни Офтоб ҳазорҳо маротиба камтар мешавад!

Аз меваҳо модели системаи офтобиро созед. Дар тасвири Меркурий аз ангур истифода баред. Дар тасвири дигар сайёраҳо шумо аз кадом меваҳо истифода мебаред?

Ғайр аз Замин ҳамаи сайёраҳо номҳои худоёни румӣ ва юнониро гирифтаанд. Аз манбаъҳои ахборӣ истифода бурда, сабаби ин хел ном гирифтани онҳоро муайян кунед. Донистаатонро ба ҳамсинфони худ гуфтан, тайёр шавед.

# 20 Сайёраҳо чӣ хел зиндагӣ мекунанд?

сайёраи калон



Омӯхтани чӣ тавр зиндагӣ кардани сайёраҳо



Таҳияи қобилияти коркарди иттилоот

Траекторияи ҳаракати киштии кайҳониро омӯзед, он гоҳ Юпитерро боз чӣ хел номидан мумкин буданашро медонед.

П А Л Т А Е Н    Г А Н Г И Т

Юпитер калонтарини сайёра дар системаи Офтобӣ аст. Сатҳи ӯ монанди Замин ва Марс сахт намебошад. Тамоми сайёра аз газҳо ташкил ёфтааст. Барои ҳамин ҳам онро гиганти газдор меноманд. Дар сатҳи Юпитер доим тӯфонҳо ва **гурдбодҳо** содир мешаванд. Ин сайёра 16 ҳамроҳ дорад! Вай дар атрофи меҳвари худ хеле зуд давр мезанад.

Маълумотро муҳокима кунед ва қайд карда монед («медонистам», «ман дигар хел фикр карда будам», «ба ман навгарӣ»).




ГИГАНТИ ГАЗДОР

Боз кадом сайёраҳоро азимҷусса гуфтан мумкин?

Аз манбаъҳои гуногун маълумот гирифта, доир ба ҳар яккусусиятҳои сайёра маълумот гиред. Донистаатонро ба ҷадвали рӯзномаи илмӣ нависед.

| Номҳои сайёра | Тартиби ҷойгиршавӣ дар атрофи офтоб | Сатҳи он | Шумораи ҳамроҳ | Хусусиятҳо |
|---|---|---|---|---|
| Юпитер | 5 | ... | ... | Фақат тӯъфон, вихри |
| Замин | ... | Сатҳ | 1 | ... |

Сайёраҳои системаи офтобиро муқоиса кунед. Ҷиҳатҳои монандӣ ва фарқиятӣ онҳоро гӯед.




Дигар сайёраҳоро муқоиса кунед. Натиҷаҳоро ба рӯзномаи илмӣ нависед.

Шеърро хонед. Сухан дар бораи кадом сайёра аст? Оид ба пайдоиши ҳалқаҳо дар ин сайёраҳо гипотезаи худро гӯед.

Ҳар як сайёра аломатҳое дорад,
ки онро аз дигарон фарқ мекунем.
Мебинеду дарров мешиносед онро,
як ҳалқаи калон иҳота кардааст.
Яхлут нест, ки аз якчанд ҳалқаҳо иборат.
Олимон саволро ҳамон хел ҳал кардаанд:
Об ях карда мондааст дар қадим, дар ин ҷой,
Аз шингилҳои барф ва ях ҳалқаҳо пайдо шуданд.

*Р. Алдонина*

Фотосуратҳоро дида бароед, чӣ тавр олимон фазоро омӯхтанд, гӯед.







**ОБСЕРВАТОРИЯ**



Обсерваторияро шинохтан он қадар душвор нест: ба ҷои бом гумбази барои телескоп кушода мепушидагӣ мавҷуд.

Обсерваторияи Тян-Шан аз Алмато дур набуда, дар болои кӯҳҳои баланд ҷойгир аст. Дар ин ҷо олимон ходисаҳои дар Моҳ, Марс ва дигар ҷисмҳои кайҳонӣ мегузаштагиро меомӯзанд.

Сайёраи худро ёбед. Ба вай таъриф диҳед.

# 21 Чаро баҳор пас аз зимистон меояд?

фаслҳои сол



Фаҳмидани сабаби ивазшавии фаслҳо дар давоми сол, ивазшавии шабу рӯз



Таҳияи қобилияти коркарди маълумотӣ

Ҳамаи ин расмҳоро чӣ ба ҳам мепайвандад? Фикр кунед.











Ба ҷисмҳои осмонӣ нигоҳ карда, одамон байни вақтҳоро чӣ хел муайян кардаанд?





Дар натиҷаи назорати Офтоб, Моҳ ва ситорагон одамон муайян кардани вақтро азхуд карданд. Одамони қадим ивазшавии шабу рӯз, баъди зимистон баҳор омаданашро фаҳмиданд. Ҳамин тавр аввала шумораҳои вақт пайдо шуд.

Дар бораи сабабҳои ивазшавии фаслҳои сол, шабу рӯз дар як навбат қатъӣ иваз шуданаш, фикри худро гӯед.







Ҳаракати Заминро бо ёрии дастгоҳи теллурия назорат кунед. Ба рӯзномаи илмӣ муайян кардаатонро нависед.

... – ин дар атрофии ... як бор пурра давр задани ... мебошад.

СОЛ РӮЗ МОҲ

Малика тасмаи вақт шумориро сохт. Тамоми банд ва ҳар як қисми он чиро ифода мекунад?



Тақвими сол ва соли хониш кай сар мешавад? Дар мамлакатамон иди Наврӯз кай гузаронида мешавад? Ба хотир оред, ки як сол, моҳ ва ҳафта аз чанд рӯз иборат.

олимон фенологи



**Тақвим (календар)** – ин системаи ҳисобкунии байни вақтҳо дар даврҳои давомнокиашон калон сол, моҳ, ҳафта, рӯз.

Илмӣ фенология







Чаро ҳамон хел мешавад?




СОЛИ КАБИСА

Феврал – моҳи охири зимистон. Моҳи феврал як давраи борону барф ва шамолу хунукӣ аст. Аз се моҳи зимистон феврал фақат моҳи борону шамол набуда, як моҳи кӯтоҳ ҳам мебошад, ки аз 28 ё 29 рӯз иборат аст.

Дар 4 сол як маротиба ба тақвим 366 рӯз илова мешавад. Сабаби ин ҳамон аст, ки Замин дар атрофи Офтоб 365 рӯз ва тақрибан 6 соат давр мезанад. Шумораи соатҳо дар 4 сол 1 рӯзро ташкил мекунад. Ин рӯз 29-уми феврал ҳисоб мегардад ва ин сол кабиса номида мешавад.

Тақвими солро созед.

# 22 Ситораҳо дуранд?

Фасли сол



Аниқ кардан, ба ситораи наздиктар дар чӣ қадар вақт рафта расидан



Таҳияи қобилияти коркарди маълумотӣ

Калимаи пинҳон шударо ёбед. Ин чӣ буданашро фаҳмонед.

**СМИЁНАЗАРА**

Ситораҳо дар осмон хеле зиёданд. Барои фаҳмидани онҳо, олимон онҳоро гурӯҳҳо – бурҷҳо муттаҳид мекунанд. Номи бурҷҳо бо қаҳрамонҳои афсонаҳо, ҳайвонот, парандагон, моҳӣ, ва ҳатто ашёи хона номида мешаванд. Дар асл бошад, ситораҳо дар масофаи калон аз якдигар ҷойгир шудааст ва бо якдигар ҳеҷ вобаста нест. Аммо анъанаи дар осмон ҷудо кардани гурӯҳи ситораҳо боқӣ монд. Баъд ба як ситора нигоҳ карда, бурҷро ёфтан осон аст.

Дар рӯзномаи илмӣ ба харитаи осмони пур ситора нигоҳ кунед. Бурҷи хирси калонро ёбед. Ӯ чиро ба ёд меорад? Шумо шабона дар осмон ин бурҷро мушоҳида кардед?



Дар мавзӯи: «Чаро рӯзона ситораҳоро намебинем» мушоҳида баред. Хулоса бароред.

Дар чӣ қадар вақт ба наздиктарин ситора парида рафтан мумкин? Тахминии худро баён кунед.



Агар масофаро то ситораҳо бо километр ҳисоб мекарданд, вараҷи коғазӣ намерасид. Олимон роҳи чен кардани масофаро дар фазо пайдо карданд. Агар фанари калонро ба осмон нигаронем, нури рӯшноӣ ба коинот меравад. Нури фанарро дар баъзе ситораи дур баъд аз як сол ё ҳатто дертар якчанд сол мебинанд. Барои ба баъзе ситораҳо парида рафтан миллионҳо сол даркор мешавад.

Ҳеҷ чиз дар табиат аз нур тезтар ҳаракат карда наметавонад. Астрономҳо бо ёрии соли рӯшноӣ масофаи кайҳониро ҳисоб мекунанд.

Рӯшноӣ ба яке аз ситораҳои осмонии бурҷи хирси калон баъд аз 500 сол рафта мерасад. Ин маънои онро дорад, ки агар ситора нобуд шавад, онро аҳли Замин пас аз 500 сол медонад. Одамон ҳанӯз мошинҳои парвозкунандаи аз рӯшноӣ ҳам тезтар ҳаракат кунандаро, кашф накардаанд.

Инсон ба Офтоб пиёда, бо мошин, бо тайёра дар чӣ қадар вақт рафта расиданашро, гуфта диҳед.
Онро бо вақти нури Офтоб ба Замин расиданашро муқоиса кунед.

**СОЛИ РӮШНОӢ**




Ҳар дафа, ки мо ба Офтоб нигоҳ мекунем, онро пеш аз 8 дақиқаю 20 сония дар кадом ҳолат буданашро мебинем. Дар телефони мобили шумо таймерро монед. Дар давоми 8 дақиқа шумо метавонед себ хӯред ё аз пластилин онро сохед, дар давоми ин вақт нури Офтоб ба Замин омада истодааст.

Аз манбаъҳои ахборӣ истифода бурда, аз Замин ба Моҳ дар чӣ қадар вақт расиданро гӯед.
Натиҷаҳоро ба рӯзномаи илмӣ қайд кунед.

# ҚОНУНҲОИ ТАБИАТ

Барои чӣ ашёҳо ҳаракат мекунанд?

Кӣ тезтар?

Оҳиста равӣ – дуртар меравӣ?

Вазни фил чӣ қадар?

Ба шаҳри заррин чӣ тавр рафтан мумкин?

Нури рӯшноӣ куҷо ғоиб шуд?




Мо садоҳоро чӣ тавр мешунавем?
Қувваи садоро чӣ хел чен мекунанд?
Гарм ё хунукро ҳароратсанҷ аз куҷо медонад?
Дар тобистон хунук ба куҷо пинҳон мешавад?
Магнитҳоро дар куҷо истифода мебаранд?
Тобистонро чӣ тавр завқовар гузаронидан мумкин?

# 23 Барои чӣ ашёҳо ҳаракат мекунанд?



Донистани чӣ будани қувва



Инкишоф додани таҷрибагузаронӣ

ман бозӣ

Ҳарфҳоро ба ҷояш гузоред номи мавзӯро меёбед. Дар ҳаракатҳои бачаҳо кадом ҳолат ҳолатҳо аён аст. Ашёҳоро чӣ ба ҳаракат меорад? Оё бе истифодаи қувва, ашёҳоро ҳаракат кунондан мумкин аст?

ҚВАВУ



Дар олам ягон чизе худ аз худ ҳаракат намекунад. Онҳоро ҳангоми тела додан ё кашидан ба ҳаракат дароридан мумкин аст. Чизе, ки ҷисмро ба ҳаракат медарорад, қувва меноманд. Бисёр хелҳои қувва вуҷуд доранд. Қувва ашёҳоро ба ҳаракат медаворад, меистонад, тез ё суст мекунад ва ҳаракаташро дигаргун мекунад.



ҚУВВА

Қувваҳо бо ҳаҷмаш ва ҳаракаташ аз якдигараш фарқ мекунад. Ҳаракати қувваро тирча ишора мекунад.

КАШИДАН



Чӣ хел қувваҳо ҳастанд? Бо номҳояш ёфтан ҳаракат кунед ва расмҳоро бо қувваҳои мансуб буда, якҷоя кунед.






қувваи эластикӣ | қувваи соиш | қувваи магнитӣ | қувваи вазн

Муайян кунед, қувва ба чӣ қодир. Гузаронидани озмоиш бо як шиша. Натиҷаҳои онро ба рӯзномаи илмӣ қайд кунед.

**ОЗМОИШ**
Мақсад ...
Тахмин ...
Захираҳо ...
Нақша ...
Вақт ...
Дар натиҷа




**ҚУВВАҲОИ ТАБИАТ**

Агар якчанд қувваҳо дар як самт ҳаракат кунанд, дар ин ҳол шумораи онҳо ҷамъ карда мешавад.

Агар як хел қувваҳо ба самтҳои муқобил ҳаракат кунанд, баъд як ҷисм дуюмашро заиф мекунад, дар натиҷа ҷисм аз ҷояш намеҷумбад!

Оё шумо бодпарак парондаед?
Ба паридани бодпарак чӣ ёрӣ мерасонад?
Агар ресмонро сар диҳем чӣ воқеа рӯй медиҳад?



Аз манбаъҳои иловагӣ дар бораи қувваҳои табиат маълумот гиред.

# 24 Чӣ тезтар?

суръати ҳаракат



Чӣ тезтар ҳаракат карданашро муайян кардан, бо мафҳуми суръат шинос шудан



Таҳияи қобилияти идора

Ҳарфҳоро аз калон ба ҷояш гузоред, дарс дар бораи чӣ буданашро медонед.

| | | | |
|---|---|---|---|
| 10 + 70 = Р | 70 – 20 = А | 20 + 20 = Т | 50 + 50 = Ҳ |
| 40 + 30 = А | 40 + 50 = А | 30 + 30 = К | |




Кадомаш аввал шуда, ба марра меояд? Чаро?

Сангпӯшт назар ба тухмшуллуқ тезтар меояд. Хорпӯшт назар ба сангпӯшт тезтар медавад. Гуфта мешавад, ки кадом ҷисм суръати тез дошта бошад, вай тезҳаракат аст. Ин маънои онро дорад, ки дар давоми як хел вақт, хорпӯшт назар ба тухмшуллуқ ё сангпӯшт  бештар роҳ меравад.

Ҳаракати тухмшуллуқ, сангпӯшт ва хорпӯшт онҳоро аз суръати ҳаракаташон фарқ мекунанд.

Барои фаҳмонидани тезӣ кадом калимаҳоро шумо истифода мебаред?

**ДУРТАР** **БОҚУВВАТТАР** **САБУКТАР** **ОҲИСТА**

**БАЛАНДТАР** **ТЕЗТАР** **ВАЗНИНТАР**

Суръати ин воситаҳои нақлиётро муқоиса кунед. Чӣ тавр суръатро чен кардан мумкин аст. Фикр кунед.






Бо истифода манбаъҳои гуногуни ахборӣ, бо ёрии истифодаи анемометр чӣ хел суръатҳоро чен кардан мумкин буданашро дониста гиред.

АСБОБҲО



СПИДОМЕТР



АНЕМОМЕТР

Манбаи ахборӣ – одамони дигар



Агар мошин дар як соат 70 км масофаро бурда гузарад, он гоҳ суръати мошин 70 км дар як соат. Ин хел навишта мешавад: 70 км/соат.

## РЕКОРДҲОИ ТЕЗӢ

Занбӯрҳо дар як сония болҳои худро 160 маротиба мезананд. Тадқиқоти охирини олимони нишон доданд, ки дар як дақиқа тухмшуллуқ 6 см роҳ меравад. Аз ширхӯрон ҳаракати ҳайвони тамбал сусттар ҳисобида мешавад. Он дар суръати 2 м дар як дақиқа ҳаракат мекунад.





Дар мавзӯи: «Кӣ аз ҳама тезтар мехонад» мусобиқа гузаронед. Чаро шумораи суханони ҳамаи бачаҳо хонда, гуногун аст?

Аз дӯстони худ пурсед, ки онҳо назар ба дигарон кадом корро тезтар ичро мекунанд. Шумо худатон аз кадом тезкорӣ рекорди шахсӣ доред?

# 25 Оҳиста равӣ – дуртар меравӣ?

тез гаштан



Донистани суръати ҳаракати воситаҳои нақлиёт ва ҳайвонот



Таҳияи қобилияти ахборҳои маълумотӣ

Дар қаҳрамонони афсонаҳои гуногун чӣ хел монандӣ мавҷуд? Оё одамон ҳамеша барои ҳаракат воситаҳои нақлиётро истифода бурдаанд?







Аз замонҳои қадим одамон бо пойафзоли тезгард ва қолинҳои мепаридагӣ саёҳат карданро орзу мекарданд. Воситаҳои аввал ва аз ҳама арзон дар ҳаракати инсон ин пойҳои ӯ буданд. Суръати онҳо ҳангоми давидан, калонтарин тезӣ ҳисоб мешуд. Баъд онҳо аспҳои ёбоиро доштанд ва дар болои ӯ нишаста, бо ду пойи худ не, балки бо чор пойҳои асп ҳаракат карданро аз худ карданд.

Солҳои бисёр гузашт. Мошинҳо ва қатораҳо пайдо шуданд. Мошинҳои аввала назар ба аспон он қадар тезтар набуданд. Лекин одамон нақлиётҳои боз ҳам тезтар ҳаракаткунандаро ба монанди ҳавопаймо кашф карданд.

Китоб-манбаи ахборӣ

Суръати мошинҳои аввала ва воситаҳои нақлиёти ҳозираро муқоиса кунед. Аз маълумотҳои энсиклопедӣ истифода баред.

**МОШИНҲОИ АВВАЛА**



5 км/соат



30 км/соат



15 км/соат

* http://rulevoe-koleso.ru/index.php/interesting/10-firstauto история автомобилей

Дар олами ҳайвонот кадом ҳайвон аз тезӣ чемпион шуда метавонад?




Дар байни ҳайвоноти Қазоқистон сайгак аз тезӣ чемпион ҳисоб мешавад. Дар назари аввал, ин ҳайвон тезҳаркат намебошад. Дар асл бошад, ин ҳайвон зираку босуръат мебошад. Дар як соат он бо тезӣ 80 км масофаро давида меравад! Ҳангоми давиданаш часади ӯ мисли парвоз карда истода мебошад.



Суръати наклиёт ва ҳайвонотро муқоиса кунед. Натичаҳоро ба рӯзномаи илмӣ нависед.

Фаҳмонед, ки чаро: «Оҳиста равӣ дуртар меравӣ?» мегӯянд. Сабабашро фаҳмонед.

Оё шумо ин хел аломатҳоро дидаед? Онҳо чиро огоҳӣ мекунанд?




Аз манбаъҳои гуногун истифода бурда, чаро замони имрӯзаро «замони тезӣ» мегӯянд? Дар бораи мошинҳои тезгарди рекодчиён донаиста гиред.

# 26 Вазни фил чӣ қадар?

вазни ашё



Чӣ хел будани вазни филро, чӣ хел донистан мумкин аст



Аз рӯи нақша инкишоф додани назорат

Ашёҳои вазнин ва сабукро гӯед. Оё вазни ашёҳоро ҳамеша тахмин кардан мумкин аст?








Вақте, ки мо ашёҳоро муқоиса мекунем, сабуктар ё вазнинтар гуфтанамон, мо «массаи» ин ашёро дар назар доштагӣ мешавем. Аз забони юнонӣ тарҷума кунем, «масса» маънои «порае аз хамир»-ро дорад.

Ба ҷои «ашё сабуктар» гуфтан “массаи ашё камтар” гуфтан, ба ҷои «ашё вазнинтар» гуфтан «массаи ашё зиёд» гуфтан қабул карда шудааст.

Дар кадом ҳолатҳо массаро донистан зарур аст?

Расмҳоро дида бароед. Хулоса бароред. Ба ин монанд мисолҳо оред.

 →     → 

Массаи он зиёд бошад ______________ , бештар ______________ .

Дар мавзӯи: «Як хел аст ё– ҳар хел» назорат гузаронед. Хулоса кунед. Натиҷаҳоро ба рӯзномаи илмӣ қайд кунед.



Усули беҳтарини чен кардани масса – **тарозу**. Масса дар грамм (г) килограмм (кг), сентнер (р) чен карда мешавад.

## ТАРОЗУ



Бароки фаҳмидани чӣ қадар будани массаи ашё онро бо ёрии тарозу муайян кардан мумкин аст.

Мисол: шаклҳои каду гуногун мебошад ва массаи онҳо ҳам вобаста ба ҳаҷмаш ҳар хел мешавад.

Фарқи массаашро бо ёрии тарозу аниқ карда мешавад.

## САНГҲОИ ТАРОЗУ



**Тарозу дар Мисри қадим.** Ба сангҳои тарозу шаклҳои гуногуни ҳайвонотро додаанд.

Ба кадом тарозуҳо сангҳо гузоштан лозим нест?

Бо дӯстонатон бозии «Вазнаш чӣ қадар?» гузаронед.

Тарозу сохед. Массаи ашёҳои майдаро муқоиса кунед.

**Оё шумо медонед?**

Вазни фил 5 тонна. Вазни як забони Наҳанги кабуд зиёда аз фил!



# 27 Ба шаҳри заррин чӣ тавр рафтан мумкин?

Манбаи рӯшноӣ



Омӯзед ки ба шаҳри Заррин чӣ тавр рафтан мумкин аст?



Дар рафти тадқиқот маълумотҳои гирифтаро баён кардан

Ба ин ду калима ба воситаи шишаи сабз нигоҳ кунед. Калимаи бо ранги зард аён шуда, калиди дарси мо мебошад.

**ГАРМӢ** **РӮШНОӢ**

**НАМУДҲОИ ТАДҚИҚОТ**

- Маъруза
- Китоби майда
- Журнал, газета

Рӯшноӣ чист? Манбаҳои рӯшноӣ чӣ хел мешаванд?
Чаро баъзе манбаъҳои рӯшноиро сунъӣ, дигарашро табиӣ мегӯянд? Мисолҳо оред.

**Рӯшноӣ** – ин як навъи энергия мебошад. Ин барои организмҳои зинда, инчунин одамон имкон медиҳад, ки ашёҳои атрофу муҳитро бинанд. Рӯшноӣ ба чашм ноаён аст, лекин дидани ҳамаи чизҳои табиатро таъмин мекунад. Офтоб – манбаи асосии рӯшноӣ мебошад.



**Оптика** – қисми физика буда рӯшноиро меомӯзад.

Илми физика

Олимоне, ки аввалин шуда, рӯшноиро омӯхтаанд



Исаак Ньютон*



Христиан Гюйгенс

* http://to-name.ru/biography/isaak-njuton.htm Исаак Ньютон

Осмони софи баланди мусаффо,
Хеле хушрӯй аст манзараи дунё.
Табиати атрофи муҳитро,
Муҳофизат кунед, эй бачаҳо.

Ранги ҳамаи ашёҳои атрофи моро норинҷӣ ё заррин гуфта фараз кунед, фикри худро пешниҳод кунед.

Ба коғаз сафед бо шишаҳои ранга нигоҳ карда, назорат баред. Реҷаи назоратҳоро созед. Хулосаҳо бароред.

Натиҷаҳои мушоҳидаҳоро дар усулҳои гуногун тавсия кунед.






Шишаҳои рангаро дар куҷо истифода мебаранд?

Тасаввур кунед, ки шумо ихтирочӣ мебошед.
Расмҳои аз шишаҳои ранга истифода бурда мешудагӣ ашёҳоро кашед.



**Оё шумо медонед?**

Ҳеҷ гоҳ шишаи холиро напартофед. Онҳо ҷамъ шуда, рӯшноӣ мегузаронанд, ки ин сабаби пайдошавии оташ шуданаш мумкин аст.

Шумо чӣ кор мекунед, агар шумо мебинед, ки шишаҳо ҷаманд?

# 28 Нури рӯшноӣ куҷо ғоиб шуд?



Нури рӯшноӣ бо дигар ашёҳо вохӯрад, куҷо ғоиб мешавад



Дар ҷараёни тадқиқот маълумоти гирифтаро гуфта додан

нури рӯшноӣ

Агар чистонро дуруст ёбед, ашёи дар синф истифода мебурдагиро медонед.

Чароғҳо хомӯш шаванд ногаҳон,
Ман як дӯст дорам қадрдон.
Ба ман бо ӯ аз чизе наметарсам,
Ман меравам пеш далерона!

**НАМУДҲОИ ТАҚДИМОТ**

- Ҷадвал
- Диаграмма
- Макет (модел)
- Саҳнагузорӣ – саҳна-диалог

Нури Офтоб бо хати рост ҳаракат мекунад, агар ба ягон ашё расад, рафтори гуногун мекунад. Ӯ ба баъзе чизҳо рӯ ба рӯ ояд, аз онҳо рост гузашта меравад. Чунин ашёҳоро ... меномем. Ва агар, аз худ нурро нагузаронад, онро ... меномем. Металл, чӯб ва санг қисмҳои бештари рӯшноиро мекашанд, аз худ нурро намегузаронанд. Онҳо **шаффоф** нестанд.

Ашёҳои аз худ рӯшноиро кам гузорандаро чӣ меноманд?
Абрҳо ба кадом гурӯҳ мансубанд?
Инсон аз хусусияти шаффофии ашёҳо дар куҷо истифода мебарад?




Бозии «Кӣ бештар?» гузаронед.
Ашёҳои шаффоф, нимшаффоф ва ношаффофро номбар кунед.

  

Аз рӯи нақша бо нури рӯшноӣ таҷриба гузаронед. Дар бораи шаффофии ашёҳо хулосаҳо бароред.

1. Оид ба шаффофии ашёҳо тахмини худро пешниҳод кунед.
2. Исбот кунед.

> ____________ бошад, дар ин ҳол ____________.
> Ашё ____________ , чунки ӯ ______________.

3. Хулоса бароред.
4. Натиҷаҳои озмоишро бо роҳҳои гуногун тавсия кунед.

**ТАХМИН**
Фарз мекунем,
Гуфтем, ки ...
Агар ...
Чӣ мешавад,
Балки ...
Шояд ...
бошад



Гузаронидани озмоиш. Хулосаҳоро ба рӯзномаи илмӣ нависед. Бо натиҷаҳо шинос кунед.

# 29 Мо садоҳоро чӣ тавр мешунавем?

Мавҷҳои садо



Донистани мо чӣ тавр садоҳоро мешунавем. Садо чист?



Дар рафти тадқиқот бо роҳҳои гуногун маълумотҳои гирифтаро пешниҳод кардан

Сухани пинҳониро ёбед. Ин қисми физика чиро меомӯзад?

К С А У Т И



**НАМУДҲОИ ТАҚДИМОТ**

- Фотоҳисобот
- Постер
- Видеоролик (реклама)

Садо чист? Чаро баъзе манбаъҳои садо сунъӣ, дигараш табиӣ ном гирифтааст? Мисолҳо оред.

Ба хотир оред, ки шумо аллакай дар бораи садо чӣ донистед. Ба саволҳо ҷавоб диҳед.











Садо чӣ тавр пайдо шудааст?

Овоз чӣ хел паҳн шудааст?

Садоро баланд кардан мумкин аст?

Садоҳое, ки мо мешунавем шумо ҳатто манбаи садоро набинед ҳам, ба шумо дар атрофатон чӣ шуда истодаашро маълумот медиҳад. Пас, шумо метавонед, занги телефон, садои мошин ё садои боронро шунавед.

**Садо** – як навъи энергия мебошад, ки ба мо барои шунидан ёрӣ мерасонад. Аксари садоҳое, ки шумо мешунавед – ҳаракати ҳаво аст. Садо ҳангоми тез ба пеш ё ба қафо ҳаракат содир шудан ҳосил мешавад. Ин **ҷумбиш** ном дорад. Ҷумбишҳое, ки ба ҳаво паҳн мешаванд, **мавҷҳои ҷумбиш** номида мешавад.

Ҷисм барои манбаи садо шудан чӣ карданаш зарур?

Олимоне, ки ав-
валин шуда са-
доро омӯхтаанд



Пифагор Самосский



Галилео Галилей*

**АСБОБҲО**



**КАМЕРТОН**



**ШУМОМЕТР**

Фараз кунед, ки ин дастгоҳҳо чӣ тавр кор мекунанд. Онҳо барои чӣ лозиманд?

Аз манбаҳои гуногун истифода бурда, маълумот пайдо кунед, ки мо чӣ тавр садоҳоро мешунавем.

Натиҷаҳоро бо роҳҳои гуногун пешниҳод кунед.

**СОХТИ УЗВИ СОМЕА**






Дастгоҳ созед, ки садоро баланд кунад. Чӣ тавр кор карданашро санҷед.

**Оё шумо медонед?**

Ҳама ҳайвонот ҳам мо барин шунида наметавонад. Масалан: малахҳо бо ёрии панҷаашон мешунаванд. Онҳо панҷаашонро тез-тез ларзонида, аз куҷо садо омадаистодаашро муайян мекунанд. Морҳо гӯш надоранд ва онҳо садоҳоро ба воситаи ҳаво гирифта наметавонанд. Аммо моҳиён бо тамоми бадан шунида метавонанд.



*http://allbiograf.ru/nauka/fiziki/46-galileo_galilei. Галилео Галилей.

# 30 Қувваи садоро чӣ хел чен мекунанд?

қувваи садо



Омӯхтани қувва садо бо чӣ чен карда мешавад



Дар рафти тадқиқот, маълумотҳои ба даст овардаро пешниҳод кардан

Гирдбодро кушоед ва калимаҳоро хонед. Ин калима чӣ маъно дорад?




**НАМУДҲОИ ТАҚДИМОТ**
- Тақдимоти электронӣ
- Маълумот. Расмҳо
- Навиштани афсонаҳои майда

Садоҳо ҳар хел: баланд ва паст, ҷарангдор ва маҳкам, баланд ва хеле паст мешаванд: Садоҳо бо қувваташон, баландиашон ва тембр ном ифодаҳои калони физикӣ фарқ мекунанд. Садоро бо воҳиди ченаки махсус **десибел** (дБ) чен мекунанд.



Шибир-шибири баргҳо – 10 дБ



Сӯҳбати ором – 40 дБ



Раъду барқ – 100 дБ

Садоҳои баланд ё паст мебарордагӣ ашёҳоро номбар кунед. Баландтарин ва пасттарин садо чанд десибел шуданаш мумкин?

Хондани диаграммаро ёд гиред. Дар он натиҷаҳои кадом тадқиқот нишон дода шудааст? Чӣ гуна хулосаҳо баровардан мумкин? Натиҷаҳоро дар роҳҳои гуногун пешниҳод кунед.




Шумо садоро чӣ тавр тасвир карданӣ мешудед?

Олимон баландии садоро бо хатчаҳо тасвир мекунанд.

Дар рӯзномаи илмиатон садоро тасвир кунед.







Садои баланд – барои гӯш душмани хатарнок аст!

Ба гӯш бо овози баланд хандидан, гӯшро кар мекунад. Мусиқии баландро дар хона ё бо гӯшмонак шунидани сурудҳо барои гӯш таъсири манфӣ мерасонад. Зарари дигари истифодаи гӯшмонак дар он аст, ки одам садои мошин ё қатораро намешунавад.





Дар бораи таъсири садо ба наботот ва ҳайвонот маълумотҳои иловагӣ ёбед.

# 31

# Гарм ё хунукро ҳароратсанҷ аз куҷо медонад?



Ҳароратсанҷ гармӣ ё хунукро чӣ хел муайян карданашро донистан
Аҳамияти ҳароратсанҷро донистан



Гузаронидани худидоракунии инъикосӣ (ба камбудиҳои кори худ ва корҳои мусбат баҳодиҳӣ)

хели ҳарорат

**РЕФЛЕКСИЯ**
– Гурӯҳи дигарро чӣ тавр таъриф мекунед?
– Ба онҳо чӣ хел маслиҳат медиҳед?

Одамчаҳоро бо тартиб гузоред ва калимаи асосии дарсро ёбед.



Чизҳое, ки дар атрофи мо ҳастанд ҳарорати худро доранд. Ҳарорати ҳар хел ашёҳо гуногун аст. Вобаста ба дараҷаи ҳарорат гармӣ зиёд ё кам шуда меистад. Агар ашё тасфон шавад, ҳарорати баланд мешавад. Ҳарорат бо дараҷаи Селсий чен карда мешавад.

Ҳангоми ашёро хунук кардан, кадом ҳодиса рӯй медиҳад? Ҳарорати баданро чӣ тавр муайян карда мешавад?



**«Термометр»** аз калимаи юнонии «Thermo»– гармӣ ва «meter» – чен кардан пайдо шудааст. Найчаи термометрҳо бо симоб ё спирт пур карда мешавад.

Олим-физик



Андерс Селсий*

Чӣ гуна термометрҳо мавҷуд? Инсон онҳоро чӣ хел истифода мебаранд?







---

http://chelovek-online.ru/zakon/article/obshchestvo/tri-glavnykh-otkrytiya-andersa-tselsiya/андерсцельсий

Сохти ҳароратсанҷро дида бароед. Фаҳмонед, ки он чӣ тавр кор мекунад. Аломатҳои аз пеши рақамҳо гузошташуда «+» ва «–» чиро мефаҳмонанд.




Назорат гузаронед. Реҷа созед, хулоса баророред. Дар хотир доред, ки ҳангоми кор бо ҳароратсанҷ ба қоидаҳои бехатарӣ риоя кунед.



**Огоҳӣ!**

Аз ҳароратсанҷи шикаста симоби моеъ мерезад. Дар ҳарорати хона он бухор мешавад. Буғи симоб заҳри марговар аст.

Оҳиста-оҳиста бухор шуда, онҳо ҳавои хонаро заҳролуд мекунанд. Агар одам ин хел ҳаворо доимӣ кашад, симоб дар бадан ҷамъ мешавад.

Ин хеле хатарнок аст!



Модели ҳароратсанҷро созед.

# 32 Дар тобистон хунук ба куҷо пинҳон мешавад?

гармӣ
ва хунук



Меомӯзем, ки хунук дар тобистон куҷо пинҳон мешавад

Гузаронидани худидоракунии инъикосӣ (ба камбудиҳо ва кори мусбати худро дидан)

**ХУДШИНОС РЕФЛЕКСИЯ**

– Чӣ рӯй дод?
– Чӣ нодуруст рафт?
– Дафъаи оянда чиро ба инобат гирифтан лозим

Калимаҳоро хонед, маъноашро фаҳмонед.

## ХГУАНРУМК

Гармӣ гуфта беихтиёр ба назди чашмамон офтоб, хонаи бороҳат, таътили тобистон меояд. Ҳангоми шунидани калимаи «хунук» ба ёди шумо чӣ меояд?

Дар сайёраи мо ҷойҳое ҳастанд, ки дар он ҳамеша гарм ё дар давоми сол фақат хунук ҳукмронӣ мекунад. Ин хел ҷойҳо дар куҷо буданашро шумо медонед?

Одам аз қадим аз гармӣ ва аз хунук истифода бурданро медонист. Мо аз гармӣ бо мақсадҳои гуногун истифода мебарем. Шумо дар хона бисёр ашёҳои гармкунанда ва хунуккунандаро ёфтанатон мумкин.

Одам аз гармӣ бо кадом мақсад истифода мебарад? Чизҳоро чӣ тавр хунук мекунанд? Тобистон хунукро дар куҷо ҳис кардан мумкин?



Барои сокинони шимолӣ дар бораи гармӣ, барои сокинони ҷануб дар бораи хунук маълумот диҳед. Маълумотро дар шаклҳои гуногун тавсия кунед.

**Гармӣ** – ин шакли энергия. Он бо роҳи гузаронидани энергия чизҳоро гарм мекунад. Аз сабаби гуногун будани ҳарорати гармӣ, аз як ашё ба дигар ашё гармӣ мегузарад. Ҳарорати гузаронида мешавад. **Офтоб** – манбаи асосии табиии гармии Замин аст.

Чаро баъзе манбаъҳои гармӣ сунъӣ, дигарашон табиист? Мисолҳо оред.

Агар таҷриба гузаронед, гармиро дидан мумкин ё мумкин набуданашро дониста мегиред. Хулоса бароред.



Чаро либоси зимистонаи одамон рангҳои торик ва дар тобистон либоси рангаш кушодро мепӯшанд? Озмоиш гузаронед. Натиҷаҳоро дар ҷадвали рӯзномаи илмӣ қайд кунед.





Дар обанборҳо ҳарорати об гуногун, гарм ё хунук мешавад. Баъзе моҳиён, ҳайвонот, наботот, ҳавзгардакҳо танҳо дар оби гарм зиндагӣ карда метавонад, дигарашон танҳо дар обҳои хунук вомехӯранд. Дар баҳрҳои обаш хунук, дарёҳо зиндагӣ мекардагӣ намуди ҳайвонот каманд.

Дар табиат, баъзе ҷойҳои ғайриоддӣ мавҷуданд, ки обҳои хеле гарм аз қаъри Замин мебароянд. Ин гейзерҳо. Аз онҳо мисли аз термос буғи оби гарм баромадагӣ, буғҳо мебароянд.



Сиёҳӣ ноаён ҳосил кунед. Мактуби асосӣ нависед.

# 33 Магнитҳоро дар куҷо истифода мебаранд?

Фоидаи магнит



Барои чӣ аз магнит истифода мебаранд, меку меба магнит



Муайян кардани аломатҳои пешбари таҷриба (фарзия, нақша, захираҳо, вақт, натиҷаҳо)

Ҳиҷоҳоро дуруст гузоред.

**НЕ – ТИЗМ – МАГ**

Ҳамин хел ашёҳо ҳастанд, ки метавонад ашёи дигарро ба худ кашад, ёки тела диҳад. Ин – **магнитҳо**. Онҳо дар олами атрофи мо ҳастанд. Оҳан, пӯлод, никел, магнетит инҳо магнити табиӣ мебошанд. Магнит сунъӣ ҳам мешавад.

Барои сохтани магнити сунъӣ ҳаракат кунед. Равиши таҷрибаро фаҳмонед.







Таърихи пайдоиши магнитро ба хотир оред. Дар рӯзномаи илмӣ ҷадвалро пур кунед.



**Магнетизм** – ин хусусияти кашидани ашёҳо.

**Майдони магнитӣ** – ин ҳудуди атрофи магнитӣ, ки дар он қувваҳои магнитӣ таъсир мекунанд.

Майдони магнитӣ метавонад аз масофаи дур ба ашё таъсир расонад.
Гузаронидани озмоиш. Мехҳоро магнитҳо аз масофаҳои гуногун чӣ хел мекашанд.



Дар об майдони магнитӣ нигоҳ дошта мешавад?
Ба хотир оред, ки чаро баъзе ашёҳоро тела медиҳанд.



Магнитҳо дар қутбҳои гуногун мекашанд,
дар қутбҳои якхела тела медиҳанд.

Роҳҳои зиёди истифодаи магнит мавҷуд аст. Магнитҳоро барои маҳкам доштан, нигоҳдорӣ, ҷудо кардан, ба баланд бардоштани иншоотҳои гуногун истифода бурда мешавад. Онҳоро дар хоҷагии қишлоқ, дар саноат ва тиббиёт дидан мумкин аст.

Дар бораи истифода бурдани магнит ба дигарон гуфта диҳед.














Оё ҳама чизро магнит мекашад? Озмоиш гузаронед. Натиҷаҳои омӯзишро ба рӯзнома илмӣ қайд кунед.

# 34 Тобистонро чӣ тавр шавқовар гузаронидан мумкин?

Таътили тобистона



Тобистонро чӣ хел шавқовар гузаронидан мумкин, донед



Дар хотир доред, тамоми марҳалаҳои тадқиқоти илмӣ

Калимаро хонед. Дарси имрӯзаи мо чӣ гуфтанӣ аст?




Мана, баъди камтар вақт таътили тобистона сар мешавад. Дар давоми сол барои ёд доштани он чӣ кор кардан лозим аст? Тобистонро барои нафақат шавқовар, балки фоидаовар ҳам гузаронидан якчанд усулҳо мавҷуд аст. Ҳамаи бачагон хоҳиши ягон хел навигарӣ дидан ҳастанд. Мо ба шумо тобистонро завқовар гузарониданро тавсия мекунем: маълумотҳо ҷамъ кунед, таҷрибаҳо гузаронед, мушоҳидаҳо баред, озмоишҳо гузаронед.

Даврҳои тадқиқотро такрор кунед.



**1. Мавзӯи тадқиқотҳо**

Интихоби мавзӯъ – осон нест. Ин аз гузаронидани худи озмоиш душвор шуданаш ҳам мумкин аст. Ба шумо чӣ завқовар буданашро фикр кунед. Ба интернет нигоҳ кунед, китобҳои гуногунро дида бароед.

**2. Мақсади тадқиқотро дуруст ифода кунед.**

Айнан аз ҳамин мавзӯъ, шумо чиро донистан, аниқ кардан ва муайян карданро мехоҳед? Ҳамаи онро дар коғаз баён кунед. Ин ба шумо барои зуд ёфтани ҷавоб ёрӣ медиҳад.



### 3. Тахминҳоро пешниҳод кардан

Ҷавобҳои саволатон чӣ хел шуданашро фикр кунед. Худи ҳамин тахмин мебошад.
Фараз кунем...
Гуфтем, ки....
Балки...









### 4. Речаи ҳаракататонро созед

Дар ёфтани ҷавобҳо ба саволатон, кадом манбаҳои ахборӣ ёрӣ расониданашро фикр кунед. Дар озмоиш ва таҷриба, рӯйхати асбоб ва ашёҳои ба шумо лозим бударо тартиб диҳед. Дар иҷрои корҳои амалӣ ба қоидаҳои бехатарӣ риоя кунед.



### 5. Барқарор кардани маълумотҳо

қисми мураккабтарини кор мебошад. Маълумотҳо хеле зиёд. Аз онҳо фақат аз ҳама заруррашро интихоб кунед. Аз пиктограмма, ҷадвалҳо, катакҳо ва хатҳои кӯтоҳ истифода баред. Вақтҳое, ки тахмини шумо дуруст буд, шудааст? Фикр кунед, хулосаҳо бароред, мулоҳаза кунед.







### 6. Тақдимоти натиҷаҳо

Натиҷаҳои гирифтаро дар намудҳои гуногун баён кардан мумкин. Барои нишон додани кор ва натиҷаҳои сазовор шудаатон плакат яъне аёниятҳо сохтанатон мумкин аст. Шумо фотоҳисобот ва хатто бо корҳои гузаронидаи худ филм ҳам гирифтанатон мумкин аст.



### 7. Рефлексия

Дар бораи чӣ тавр гузаштаи тадқиқотҳоятон нависед. Шумо барои кадом корҳоятон фахр кардан мехоҳед? Ба чӣ хел душвориҳо вохӯрдед, дар бораи он фикр кунед. Гузарондаи таҷрибаҳои шумо аз рӯи нақша нагузашта бошад ҳам, ин фикри он нест, ки вақт беҳуда гузашт. Аз хатоҳои худ хулоса бароред. Агар бори дигар ин таҷрибаро гузаронед, ягон чизро тағйир медиҳед?

Таҷриба гузаронида, дар бораи ҳаёти мӯрча маълумот гиред.

# НАҚШАИ КОРИ ХУДРО СОЗЕД

**Мавзӯи тадқиқот**

- Донхӯрак барои парвона
- Оинаи сеҳрнок

**Маҷсад**

- Аз рӯи ин мавзӯъ чиро донистан мехоҳед?
- Мақсади тадқиқот:
  Донистан...
  Муайян кард...
  Фаҳмонидан...

**Ҷамъ кардани ахборотҳо**

- Озмоиш
- Мушоҳида
- Видеотека

**Барқарор кардани маълумотҳо**

- Кластер
- Ҷадвал

**Тақдимоти натиҷаҳо**

- Бо намоиши саҳна
- Китобчаи хурдакак
- Видеонамоиш

Кӣ баргҳоро сабзранг кард?

Хокҳои боғ аз чӣ ташкил ёфтааст?

Мавзӯи худро интихоб кунед

Тахмини худро пешниҳод кунед

Тахмин
Фараз кунем...
Гуфтем, ки...
Агар...
Мумкин...
Балки...

Интернет

Интервю

?

Анкета гирифтан

Пиктограммаҳо

Катакҳо

Доираи Эйлер

Диафилм

Худ ба худ рефлексия:
Чӣ иҷро шуд?
Чӣ иҷро нашуд?
Дар оянда чиро ба ҳисоб гирифтан лозим аст?

Рефлексия:
– Якдигаратонро барои чӣ таъриф мекунед?
– Чиро маслиҳат додани ҳастед?

## Глоссарий

| | |
|---|---|
| **Акустика** | – қисми физика буда, садоро меомӯзад. |
| **Анатомия** | – илм дар бораи сохти танаи инсон. |
| **Ботаника** | – илм дар бораи растаниҳо. |
| **Десибел (дБ)** | – воҳиди чен кардани садо мебошад. |
| **Мамнӯъгоҳ (Заповедник)** | – майдони об ё заминест, ки намудҳои ноёби ҳайвонот ва растаниҳоро муҳофизат мекунад. |
| **Мавҷҳои садо** | – ларзишҳое, ки ба воситаи ҳаво паҳн мешаванд. |
| **Зоология** | – илм дар бораи ҳайвонот. |
| **Тадқиқот** | – ҷустуҷӯи донишҳои нав, аз худ кардани онҳо. |
| **Тақвим (календар)** | – системаи ҳисоб кардани муддати дарози ба даврҳо тақсим шуда: сол, моҳ, ҳафта, рӯз. |
| **Китоби Сурх** | – Дорои рӯйхати растаниҳо ва ҳайвонотест, ки хатари аз байн рафтан дорад. |
| **Кратерҳо** | – сӯрохиҳои дар рӯи Моҳ аст. |
| **Майдони магнитӣ** | – ҳудуди майдони атрофи магнитӣ, ки қувваи магнит таъсир мерасонад. |
| **Мушоҳида** | – як усули омӯзиши табиатест, ки ба табиат зарар нарасонида, онро меомӯзад ва тамошо мекунад. |
| **Обсерватория** | – бинои махсуси барои мушоҳидаҳои астрономӣ ва метеорологӣ мебошад. |

| | |
|---|---|
| **Оптика** | – қисми физика буда, рӯшноиро меомӯзад. |
| **Орбита** | – роҳи ҳаракати ҷисмҳои осмонӣ дар атрофи офтоб. |
| **Қаду-комати рост** | – ҳолати оддии танаи одам. |
| **Тезгулкунанда** | – растаниҳое, ки пеш аз барг, гул мебароранд. |
| **Ресурсҳо** | – боигариҳо, захираҳои табиат. |
| **Сол рӯшноӣ** | – чен кардани масофаҳои кайҳонӣ. |
| **Тезӣ** | – бузургии физикиест, ки дар воҳиди вақт муайян намудани ҳаракати ҷисмро дар роҳ, ёрӣ медиҳад. |
| **Системаи офтоб** | – Офтоб ва сайёраҳо, бо ҳамроҳоне, ки дар атрофии онҳо давр мезананд, системаи офтобро ташкил мекунанд. |
| **Муҳити зист** | – як қисми табиатест, ки организмҳоро иҳота кардаанд ва ба ҳаёти онҳо таъсир мерасонанд. |
| **Ҳароратсанҷ (Термометр)** | – асбоби ченкунии ҳарорат. |
| **Фенология** | – илмест, ки тағйиротҳои мавсимии табиатро меомӯзад. |
| **Озмоиш (эксперимент)** | – усули омӯхтани табиат дар шароитҳои махсус. |

# Мундарича


Дӯсти азиз! ........................................................3



МАН – ТАДҚИҚОТЧӢ 4

1. Дар барои дунё ҳама чизро аз кучо донистан шавад? ..................... 6
2. Барои чӣ ба қоқуҳо парашут лозим? ..................................... 8
3. Озмоиш чист?.......................... 10

ТАБИАТИ ЗИНДА 12

4. Растаниҳо чӣ хел сир доранд? .... 14
5. Дар табиат тавқим вуҷуд дорад? .................................. 16
6. Ҳаёти растаниҳо чӣ хел? ........... 18
7. Аз тухм чӣ баромад? ................. 20
8. Кӣ бозии пинҳони мекунад? ...... 22
9. Ҳайвонҳоро чӣ тавр муҳофизат мекунанд? ............................... 24
10. Чаро устувор истода метавонем? ........................... 26
11. Мо чӣ тавр ҳаракат мекунем? .... 28
12. Вазни борхалтаи ту чӣ қадар? .... 30
13. Микробҳо аз чӣ метарсад?........ 32





МОДДА ВА ХУСУСЯТҲОИ ОН 34

14. Ҳусусятҳои ҳаво чӣ гуна аст?...................................... 36
15. Дар кучо завод соханд?............ 38
16. Дар бораи об чӣ медонем? ........ 40
17. Инсон бе чӣ зиндагӣ карда наметавонад? ......................... 42



## ЗАМИН ВА КАЙҲОН 44


18. Офтоб ва таъсири ӯ ба Замин ................................ 46
19. Кӣ бо Офтоб дӯст мешавад?...... 48
20. Сайёраҳо чӣ хел зиндагӣ мекунанд? ............................ 50
21. Чаро баҳор пас аз зимистон меояд?................................ 52
22. Ситораҳо дуранд?.................... 54


## ҚОНУНҲОИ ТАБИАТ 56


23. Барои чи ашёҳо харакат мекунанд? ............................ 58
24. Чӣ тезтар?............................ 60
25. Оҳиста равӣ – дуртар меравӣ?................................ 62
26. Вазни фил чӣ қадар? ............. 64
27. Ба шаҳри заррин чӣ тавр рафтан мумкин?................................ 66
28. Нури рӯшноӣ куҷо ғоиб шуд?.. 68
29. Мо садоҳоро чӣ тавр мешунавем?.......................... 70
30. Қувваи садоро чӣ тавр чен мекунем?.............................. 72
31. Гарм ё хунукиро ҳароратсанҷ – аз куҷо медонад?..................... 74





32. Дар тобистон хунук ба куҷо пинҳон мешавад? ................... 76
33. Магнитҳоро дар куҷо истифода мебаранд?.............................. 78
34. Тобистон чӣ тавр шавқовар гузаронидан мумкин? ............ 80

Нақшаи кори худро созед ........................................................82
Глоссарий.......................................................................84

*Учебное издание*

**Болтушенко Наталья Андреевна**
**Зворигина Валентина Николаевна**
**Избасарова Римма Шаймерденовна**
**Лауто Оксана Анатольевна**
**Помогайко Татьяна Владимировна**
**Яндулова Татьяна Леонидовна**

**ТАБИАТШИНОСӢ**

Китоби дарсӣ барои мактаби миёнаи
таҳсилоти умумӣ синфҳои 2

*(на таджикском языке)*

Методист *О.С. Дзержинская*
Редактор *Л.А. Туманова*
Корректор *З.Т. Рахимбаева*
Художественный редактор *Т.В. Толыбекова*
Художник *А. Горчаков*
Дизайнер *М. Карбозов*
Дизайн обложки *А.К. Абдикайымовой*
Перевод таджикского текста *С.Г. Раймбаева, З.О. Раймбаев*
Компьютерная верстка таджикского текста *Г.А. Утеновой*

Подписано в печать 11.01.2018 г.
Формат 84×108 $^{1}/_{16}$. Печать офсетная.
Гарнитура «SchoolBook Kza». Бумага офсетная.
Физ. п.л. 5,5. Усл. п.л. 9,24. Усл. кр. отт. 22,0.

Республика Казахстан,
ТОО «Алматыкітап баспасы»
050012, г. Алматы, ул. Жамбыла, 111,
тел. (727) 250 29 58; факс: (727) 292 81 10.
e-mail: alkitap@intelsoft.kz
www.almatykitap.kz

Издательство «Жазушы»
050009, г. Алматы, пр. Абая, 143,
тел. (727) 394 41 55; факс: (727) 394 41 64.
e-mail: zhazushi@mail.ru